**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17).**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051200 –Омор.**

Дар шароити муосир, бо назардошти таъсири омилҳои гуногун талаботи истеҳсолӣ ва истеъмолии аҳолии деҳот, мунтазам тағйир ёфта, зарурияти мутобиқсозии ин талабот бо шароити кунунии мамлакат ба вуҷуд меояд. Яке аз самтҳои асосии таҳлили омории рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ин омӯзиши сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мебошад.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки сабабҳои асосии беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот таъмини сатҳи миёнаи ҳаёти аҳолӣ дар деҳот, пеш аз ҳама ба хусусиятҳои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ–демографӣ, миллӣ, сарҳадӣ, ҳолати ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ вобаста буда, ба ташаккули нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии баъзе аз хусусиятҳои дигари деҳа, ба монанди, амволи хонавода, чорво, замини наздиҳавлигӣ, замини хоҷагии деҳқонӣ ва дигар ҳолатҳо, таъсири калон мерасонад.

Таҳқиқи илмии масъалаи баёнгардида бевосита ба пешниҳоди тадбирҳои самарабахши сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд буда, таҳқиқи пурраи сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, бештар аз сифат ва эътимоднокии иттилооте вобаста мебошад, ки дар натиҷаи таҳлили оморӣ ба даст оварда шудааст. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, динамикаи тағйирёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот, дараҷаи рушди инфраструктураи зарурии деҳот ва сабабҳои ба вуҷуд омадани фарқият дар нишондиҳандаҳои асосии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳои гуногун муайян гардида, пешниҳодҳои асоснок ҷиҳати ҳалли ин масъалаҳо баён карда мешаванд. Мақсади таҳқиқоти илмӣ аз лиҳози иқтисодӣ ва оморӣ асоснок кардани мафҳуми сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, таҳқиқи нишондиҳандаҳои асосии он ва ошкор намудани омилҳои асосие мебошанд, ки таъсири ҷиддии худро ба ин раванд мерасонанд. Ҳамчунин дар ин асос тақияи нишондиҳандаҳои илман асосноккардашуда ва тавсияҳои амалӣ, барои беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, низ муҳим ҳисобида мешаванд.

Муаллиф тавонистааст, ки дар автореферати худ консепсияҳои мавҷуда аз назари омор сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, маҷмӯи категорияҳои иҷтимоӣ-иқтисодие мебошад, ки дараҷаи қонеъгардонии

талаботҳои моддию маънавӣ ва иҷтимоии шахсонеро, ки дар деҳот истиқомат мекунанд, дар бар гирифтааст.

Омӯзиши сатҳ ва сохтори талаботҳо бо неъматҳои моддӣ ва хизматҳо яке аз тавсифоти муҳими сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад, ки дар кори илмии иҷрогардада хуб таҷассум гардидааст.

Дар баробари муваффақиятҳои дар автореферат камбудиҳо низ мавҷуданд:

1. Мутаасифона, дар автореферат оид ба сабати истеъмолӣ маълумот оварда нашудааст, гарчанде сатҳи зиндагии аҳолӣ аз рӯи ин меъёр низ баҳогузорӣ карда мешавад, мавриди таҳлил қарор дода нашудааст;
2. Инчунин баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникию ороишӣ дида мешавад, ки барои бартараф намудани онҳо таҳрири дақиқ тавсия дода мешавад.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти назариявӣ ва амалии автореферати иҷрогардидаро кам намекунад, зеро онҳо хусусияти пешниҳодӣ ва машваратӣ доранд.

Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки автореферати диссертатсияи Ашуров Фирӯз Маҳмадалиевич дар мавзӯи «Таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолии деҳот (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051200 – Омор пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда**
**доктори илмҳои иқтисодӣ., профессор,**
**муовини вазири маориф ва**
**илми Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Қодирзода Д.Б.**

**Имзои Қодирзода Д.Б.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Расулзода Ф.М.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС